**Протоколи №2**

Шӯрои олимони факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 28.09.2021 с. ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 17 - нафар аъзои Шӯрои олимон 15 иштирок дошта, 2-нафар бо сабабҳои узрнок иштирок надоштанд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Баррасии диссертатсияи унвонҷӯ Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ

Оид ба масъалаи якум баромад намуданд

**Ҳусайнов А.Қ. – доктори илмҳои таърих, профессор, декани факултет:**

Муҳтарам аъзоёни Шуро ҷаласаи навабатии шурои олимони факултет оғоз мешавад, аксари устодон ҳузур доранд, як масъала дар ҷаласаи имрӯза матраъ шудааст, пешниҳод намудани рисолаи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ба анҷом расонида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 –Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методи таҳқиқоти таърихӣ». Аксари устодони аъзоёни шуро ин рисоларо мутолиа кардаанд. Ҳоло сухани аввалро барои баёни нуқтаҳои муҳими рисола ба унвонҷӯ медиҳем.

**Ҷонмуродов Ш.М.** – Мӯҳтарам, раис ва аъзоёни шурои олимон мавзӯи рисолаи ман «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» ном дорад. Асари Клавихо аз зумраи сафарномаҳои арзишманди таърихие мебошад, ки муаллифи он бо назари дақиқу тезбин бисёре аз дидаю шунидаҳояшро доир ба сарзамини Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳри ибтидои асри XV рӯи коғаз овардааст.

Муҳимияти мавзӯи мавриди таҳқиқ пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки маводҳои бадастомада аз рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ва муқоисаи онҳо бо маводҳои дигари сарчашмаҳои таърихии наздик ба замони таълифи он инъикоси ҳодисаҳои таърихии охири асри X1V ва оғози асри XV -и Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро комил намуда, ба тавзеҳи ахбори таърихии он хусусиёти сифатан нав мебахшад.

Муҳим будани мавзӯъ боз дар он дида мешавад, ки то ба ҳол хеҷ асари илмии хосе дар таърихнигории Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамзабон, ки бо таҳқиқи рисолаи Клавихо «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406» ихтисос дода шуда бошад, вуҷуд надорад дар бораи мазмуни асосии кори диссертатсионӣ баромад намуд.

Тақриз ба диссертасияи Ҷонмуродов Ш.М. аз ҷониби роҳбари илмӣ сарходими илмии Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ, доктори илмҳои таърих, профессор Саидов Абдуқаҳҳор хонда шуд.

Инчунин муқарризони холис н.и.т., дотсент Пирумшоев М.Ҳ. ва номзади илмҳои таърих., дотсент Аламов Ҳ.Н. баромад намуда, тавассути тақризи худ кори диссертатсионии Ш. М. Ҷонмуродовро мусбат арзёбӣ намуданд.

Сипас, музокира ва муҳокимаи илмӣ оид ба натиҷаҳои диссертатсия ба вуқӯъ пайваст.

Шӯрои васеи олимон масъалаи мазкурро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҷонмуродов Ш. М. дар мавзӯи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»–и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09. – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-035 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

**Қарор якдилона қабул карда шуд.**

**Раиси Шӯрои олимон** **А.Қ. Ҳусайнов**

**Котиб** **М.Г. Ганҷакова**

ФАКУЛТЕТИ ТАЪРИХ